Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7.07. 2020, №1855
тасдиқ шудааст.

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 19.08.2020, №950
(1) ба қайд гирифта шудааст.

**Қоидаҳои**
**умумии қабули тарбиятгирандагон ва таълимгирандагон ба муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои умумии қабули тарбиятгирандагон ва таълимгирандагон ба муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоида) қоидаҳои умумии қабули тарбиятгирандагон ва таълимгирандагонро ба муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

2. Муассисаи таҳсилоти умумӣ ҳуқуқи шаҳрвандонро новобаста аз миллат, нажод, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк дар се зинаи таҳсилот амалӣ карда, масъулияти иҷрои таълиму тарбияро ба манфиати шахс, ҷомеа, давлат ба зимма мегирад ва барои рушди ҳаматарафаи шахсият ва гирифтани таҳсилоти иловагӣ мусоидат менамояд.

3. Асоси қабули хонанда ба муассисаи таҳсилоти умумӣ аризаи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва ё хонанда, ки дар дафтари қайди аризаҳо сабт карда мешавад, ба шумор меравад.

4. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хонанда, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳамчун иштирокчиёни раванди таълим тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаи муассисаи таҳсилоти умумӣ амалӣ мегардад.

5. Ҳангоми қабул ба муассисаи таҳсилоти умумӣ маъмурияти муассисаи таҳсилоти умумӣ уҳдадор аст, ки падару модарро (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо оинннома ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки раванди таълимро дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба танзим медоранд, шинос намояд.

6. Қабули хонандагон ба муассисаи таҳсилоти умумӣ вобаста ба маҳалли зист ҳатмӣ буда, муассисаи таълимӣ танҳо дар сурати будани ҷои холӣ аз маҳалли дигар хонандагонро қабул карда метавонад.

7. Ҳангоми дар давраи таҳсил қабул намудани хонандагони синфи 1, 2 ва ё синфҳои дигар ба муассисаи таҳсилоти умумӣ пас аз се рӯзи таҳсил маълумотнома дода мешавад, ки бо имзои директор ва муҳри муассиса ба расмият даровардa шуда, дар дафтари қайди маълумотномаҳо дарҷ карда мешавад.

8. Ҳангоми аз як муассисаи таҳсилоти умумӣ ба муассисаи таҳсилоти умумии дигар гузаштани хонанда парвандаи шахсӣ танҳо ба

падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дода шуда, то ба муассисаи таҳсилоти умумии дигар расидан дар назорати маъмурияти ҳар ду муассисаи таҳсилоти умумӣ қарор мегирад.

9. Дар давоми як ҳафтаи таҳсил аз падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) парвандаи шахсии хонанда қабул карда шуда, рӯзи ба муассисаи таҳсилоти умумӣ омаданаш қайд карда мешавад.

10. Баъди дастрас намудани парвандаи шахсии хонанда пас аз се рӯз фармоиши директор оид ба қабули хонанда қабул карда шуда, ному насаби ӯ дар журнали синфӣ ва китоби алифбо қайд карда мешавад.

11. Ба дасти хонанда додани парвандаи шахсӣ қатъиян манъ аст.

12. Хонанда дар тамоми давраи таҳсилаш дар муассисаи таҳсилоти умумӣ дорои танҳо як парвандаи шахсӣ буда, ҳангоми аз як муассисаи таҳсилоти умумӣ ба дигар муассисаи таҳсилоти умумӣ гузаштан онро бо худ мебарад.

## 2. Тартиби қабул ба синфи 1 дар муассисаи таҳсилоти умумӣ

13. Ба синфи 1 кӯдак тибқи талаботи Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2016, №237 тасдиқ шудааст, қабул карда мешавад.

14. Тамоми кӯдакони синну соли мактабӣ новобаста аз сатҳи омодагияшон ба синфи 1 қабул карда мешаванд (хулосаи комиссияи тиббӣ-равонӣ-педагогӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, моҳи сентябр суҳбати омӯзгор бо кӯдак бо мақсади банақшагирии кори таълиму тарбия бо ҳар як кӯдак гузаронида мешавад).

15. Падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) барои қабул ба синфи 1 чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамояд:

- аризаи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда);
- шаҳодатнома дар бораи таваллуд (нусхаи асл);
- маълумотномаи тиббӣ дар бораи вазъи саломатии кӯдак;
- маълумотнома аз ҷои зист:
- ду дона акси 3х4.

16. Дар бораи қабули кӯдакон ба синфи як на дертар аз 30 август фармоиши директори муассисаи таҳсилоти умумӣ қабул карда мешавад.

## 3. Тартиби қабул ба зинаи дуюми таҳсилоти умумӣ (синфи 5-9) дар муассисаи таҳсилоти умумӣ

17. Дар зинаи таҳсилоти умумии асосӣ тамоми хонандагоне таҳсилро идома медиҳанд, ки барномаҳои таълимии зинаи таҳсилоти ибтидоиро аз худ кардаанд.

18. Барои гузаштан ба зинаи таҳсилоти умумии асосӣ аризаи падару модари (шахсони онҳоро ивазкунанда) хонандае, ки зинаи таҳсилоти ибтидоиро хатм намудааст, талаб карда намешавад.

19. Қабул ба зинаи таҳсилоти умумии асосӣ тавассути фармоиши директори муассисаи таҳсилоти умумӣ дар хусуси гузариши хонандагон ба зинаи таҳсилоти умумии асосӣ амалӣ карда мешавад.

### 4.Тартиби қабул ба зинаи сеюми таҳсилоти умумӣ (синфи 10-11) дар муассисаи таҳсилоти умумӣ

20. Ба зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагоне, ки барномаҳои таълимии зинаи таҳсилоти умумии асосиро аз худ кардаанд ва соҳиби аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ гардидаанд, мувофиқи хоҳиш ва қобилияту завқашон қабул карда мешаванд.

21. Дар сурати иваз шудани ҷои истиқомат ва ё бо сабабҳои дигари узрнок, ба муассисаи таҳсилоти умумии дигар гузаштани хонанда қабул дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти умумӣ бо пешниҳоди аризаи падару модари хонанда (шахсони онҳоро ивазкунанда) амалӣ карда мешавад.

22. Ба аризаи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) чунин ҳуҷҷатҳо замима карда мешаванд;

- аттестат дар бораи хатми муассисаи таҳсилоти асосӣ;
- парвандаи шахсии хонанда:
- маълумотномаи тиббӣ.

23. Қабул ба зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути фармоиши директори муассисаи таҳсилоти умумӣ дар хусуси гузариш ва ё қабули хонандагон ба зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ карда мешавад.

### 5.Тартиби қабули хонандагоне, ки синфҳои 1-8 ва 10-ро дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар таҳсил кардаанд ва нострификатсия кардани ҳуҷҷати намунаи давлатии муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ (аттестати синфҳои 9 ва 11)

24. Ҳуҷҷати таҳсилоти намунаи давлатии муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ (хатми синфҳои 9 ва 11) дар сурати бо Ҷумҳурии Тоҷикистон надоштани созишномаи ҳамкории дахлдор нострификатсия карда мешавад.

25. Ҳуҷҷати таҳсилоти намунаи давлатии муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ (синфҳои 9 ва 11), ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи ҳамкории дахлдор доранд, нострификатсия карда намешаванд ва танҳо хулосаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

26. Хонандагоне, ки синфҳои 1-8 ва 10-ро дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар таҳсил кардаанд, бе нострификатсия дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои идомаи таҳсил иҷозат дода мешаванд.

27. Хонандагони синфҳои 9 ва 11, ки як нимсола ва ё то моҳи апрел дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар таҳсил кардаанд, ҳуҷҷатҳои таҳсилоти худро тибқи тартибот ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, дар асоси хулосаи мусбат ҳуқуқи идомаи таҳсилро пайдо мекунанд.

28. Хонандагон барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф;
- табели баҳоҳо;
- нусхаи шаҳодатнома;

- 2 дона акси 3х4;
- маълумотномаи тиббӣ.

29. Ҳуҷҷатҳои асл баъди баррасӣ баргардонида мешаванд.

**6. Тартиби хориҷ кардани хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ**

30. Хонандагон бо сабабҳои зерин метавонанд аз муассисаи таҳсилоти умумӣ хориҷ карда шаванд:

- бо иваз намудани муассисаи таҳсилоти умумӣ;
- бо иваз намудани ҷои зист;
- бо вазъи саломатӣ;
- бо расидан ба синну соли ниҳоии таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бо гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ;
- бо хатми муассисаи таҳсилоти асосӣ ва умумӣ бо гирифтани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ;
- бо қарори шӯрои педагогӣ дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии идоракунии маориф барои мунтазам дағалона вайрон намудани тартиботи дохилимактабӣ ва риоя накардани оинномаи муассисаи таҳсилоти умумӣ (агар хонанда ба синни 16 расида бошад);
-дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

31. Қарори мазкур нисбат ба кӯдакони ятиму бепарастор дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ қабул карда мешавад.

32. Хонандагоне, ки даст ба ҷиноят задаанд, бо пешниҳоди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия, суд, прокуратура) тибқи тартиби муқарраршуда барои идомаи таҳсил ба муассисаҳои таълимии махсус барои хонандагони душвортарбия гузаронида мешаванд.

33. Хориҷ намудани хонанда аз муассисаи таҳсилоти умумӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон он вақт сурат мегирад, ки агар чораҳои хислати тарбиявидошта натиҷа надиҳад ва дар муассисаи таҳсилоти умумӣ қарор доштани хонанда ба дигарон таъсири манфӣ расонад, ҳуқуқи онҳо ва кормандони муассисаи таҳсилоти умумиро поймол намояд.

34. Муассисаи таҳсилоти умумӣ уҳдадор аст, ки фавран падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва мақомоти дахлдори давлатиро дар хусуси аз муассисаи таҳсилоти умумӣ хориҷ шудани хонанда огоҳ намуда, бо қарори шӯрои педагогӣ онҳоро шинос намояд.

35. Дар сурати рад намудани хоҳиши падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҷиҳати ба муассисаи таҳсилоти умумӣ қабул шудан, гузариш аз як муассисаи таҳсилоти умумӣ ба муассисаи дигар, инчунин хориҷ намудани хонанда, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ҳуқуқ доранд бо аризаи хаттӣ ба мақомоти дахлдори соҳаи маориф муроҷиат намоянд.